**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхисии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” оид ба диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич “Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Дар марҳилаи кунунии низоми маориф дар ҳаёти маънавии ҷомеаи муосир - пайвастшавии Тоҷикистон ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот, тағйири парадигмаи таҳсилот коркард ва татбиқи стратегияи самарабахши рушди омодагии касбии омӯзгорони оянда аҳамияти махсус касб менамояд. Масъалаи тарбияи мутахассисони дорои тафаккури инноватсионӣ, фарҳанги ҷаҳоншиносӣ ва шуури бисёрфарҳангӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрами педагогӣ маҳсуб мебошад. Барои татбиқи ин вазифаҳо омода намудани педагоге, ки соҳиби тафаккури эҷодӣ ва фаъолият буда, ба амалисозии равандҳои инноватсионӣ қобилият дорад, зарур аст. Чунки ворид гаштан ба низоми вазифаҳое, ки нақши тозаи иҷтимоиро ҳамроҳӣ мекунанд, бо хоҳиши қабули ин нақш дар сатҳи омодагии касбию психологӣ, ҳадафу ният иртиботи бевосита дорад, ки ҷузъи муҳимтарини қобилият ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мебошад. Омодагии омӯзгор ба фаъолияти созмондеҳӣ аз ҷумлаи муаммоҳоест, ки ҳамеша муҳиманд: вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа тағйир меёбанд, ба омодагии насли наврас талаботи нав ба миён меоянд ва ин дар дидгоҳҳо нисбат ба низоми омодагии касбии омӯзгор инъикос меёбад.

Дар шароити муосир, ба андешаи муаллиф, барои омода намудани омӯзгорони оянда ба фаъолияти идоракунӣ, ташаккули қобилиятҳои

созмондеҳии онҳо чораҳои мушаххаси амалие заруранд, то ин ки ҳалли мушкилоти раванди ташкили фаъолияти хонандагон имконпазир гардад.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёту рисолаҳои таҳқиқшуда, муаллифи рисола ба хулосае меояд, ки дар шароити ҷумҳурии мо то кунун таҳқиқоти алоҳидаи муаммои мазкур мавҷуд нест. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки мавзуи барои пажуҳиш интихоб гардида масъалаи басо муҳими илми педагогика буда, таҳқиқи илмии он барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда оид ба рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бозёфтҳои тозаи илмиро дастрас менамояд, ки онҳо барои ғанӣ гардонидани назария ва амалияи илми педагогика мусоидат мекунанд.

Муаммои интихобнамудаи муаллифи рисола-Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич "Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ" вобаста ба андеша, тавсияву пешниҳодот фавқулзикр дар шароити кунунӣ маҳсуб меёбад.

Муаллифи рисола оид ба мавзӯи интихобнамуда маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин асос мундариҷа, вазифа, навигарӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, муҳтавои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияро тарҳрезӣ намудааст.

Дар муқаддима талаботи мавҷуда нисбат ба бандубасти қисмати илмии рисолаҳои илмӣ риоя гардида, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мубрамияти мавзӯи интихобкардашуда ба таври илмӣ асоснок карда шавад.

Аз тарафи муаллиф ба таври муфассал таҳқиқотҳои илмии файласуфон, педагогҳо, психологҳо ва методистон вобаста ба мавзуъ омӯхта шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои умуминазариявӣ ва методологии рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони оянда дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олӣ матраҳ гардидааст.

Дар баробари таҳлилу арзёбӣ карда шудани нуқтаи назари олимон,

дар рисолаи мазкур инчунин камбудӣ ва муваффақиятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ташаккули қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони оянда дар раванди таълим ва гузаронидани таҷрибаи педагогӣ кушода дода шуда, барои пурзӯр намудани кор дар ин самт тавсияҳои судманд пешниҳод карда шудааст.

Дар асоси ковишҳои мӯшикофонаи илмӣ муаллифи рисола маводи фаровонеро гирд оварда, дар ин замина ақидаҳои худро баён намудааст. Махсусан, пешниҳод ва нуқтаи назари муаллиф дар бораи технологияи роҳбарӣ ба худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён, методикаи ташхиси сатҳи рушди қобилияти созмондеҳӣ ва барномаи курси махсуси «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» бояд дар раванди такмили омодагии кадрҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои педагогӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҷолиби қайд аст, ки дар диссертатсия маводи фаровон аз таҷрибаи факултетҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус, психология ва таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, факултети педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон оид ба таҷрибаи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанҳои психология, педагогика ва гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррониӣ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Дар раванди омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаи диссертатсия ошкор карда шуд, ки фарзияи он пурра тасдиқи худро ёфтааст ва дар натиҷаи гузаронидани корҳои зиёди таҷрибавӣ – озмоишӣ унвонҷӯ Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич оид ба рушди қобилиятҳои созмондеҳии

омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанҳои сикли психологию педагогӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои олӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гаштааст.

Дар рафти омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич камбудиҳо ошкор карда шуданд, ки онҳоро унвонҷӯ дар муддати муайян ислоҳ намуд.

Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълим, такмили стандарту барномаҳои таълим ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар метавон истифода кард.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 18 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. 4 адад мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,

профессор) шаҳодат медиҳад.

Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

**Бо дарназардошти гуфтаҳои болоӣ комиссияи ташхисӣ пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич "Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ" кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 и 16 "Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"-и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 -- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

2. Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** аз рӯйи диссертатсияи мазкур, шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1) **Гулмадов Файз** - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шӯъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

2) **Насриддинова Майсара Муйдиновна** – номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллими кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси **муассисаи пешбари** диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** тавсия карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ "ДДХ ба номи

акад.Б.Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси
комиссияи экспертӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Аъзоён:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Хоҷаева М.Ҷ.
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Файзиев И.Д.

28.04.2022с.

Имзоҳои раиси комиссияи тахассусии Шурои дифоъ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А. ва аъзоёни он профессорон Хоҷаева М.Ҷ. ва Файзиев И.Д.-ро тасдиқ менамоям.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои филологӣ, дотсент Насриддинов Н.А.